ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (Punica granatum L.) дар Қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21 – Зоология пешниҳод гардидааст.

Рисолаи Давлатзода Одинашо Муҳаббат ба яке аз масъалаҳои мубрам ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (Punica granatum L.) дар Қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо бахшида шудааст. Ин мавзӯъ махсусан аз он ҷиҳат мубрам мебошад, ки дар солҳои охир шумораи зараррасонҳо бениҳоят зиёд гардида, якбора авҷ гирифта, сабаби паст гардидани ҳосилнокии боғҳо дар тамоми ноҳияҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ гардидааст. Дар ин замина ҳифз ва эмин нигоҳ доштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла растании анор аз организмҳои зараррасон, яке аз талаботҳои ҷиддӣ ба шумор меравад. Ҳалли бомуваффақонаи ин масъала, нигоҳдории меъёри шумораи зараррасонҳои анор ва маҳдуд намудани дараҷаи осеббинии мева ва растаниро тақозо менамояд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот таркиби намудии фаунаи зараррасонҳои анор муқаррар карда шуда, бори аввал дар минтақаи Тоҷикистони Ҷанубӣ таркиби намудии ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор муайян карда шуда, хусусиятҳои биоэкологӣ, марҳилаҳои инкишоф, хусусияти ғизогирӣ, давраҳои зараррасонӣ ва паҳншавии намудҳои асосии зараррасон мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудаанд.

Дар рафти таҳқиқот хусусиятҳои фенологӣ ва дараҷаи зараррасонии навъҳои гуногуни анор аз тарафи меваҳӯраки анор (*Euzophora punicaella Morr.*) ва ширинчаи анор (*Aphis punicae Pass.*) муайян ва таҳлил карда шудаанд. Ҳамчунин, таъсири зараррасононӣ дигар, аз ҷумла кирмаки Комсток (*Pseudococcus comstocki Kuw.*), сафедболаки тамоку ё пахта (*Bemisia tabaci Genn.*), гамбӯсаки зарарнок (*Polyphylla adspersa Motsch.*), тӯронӣ (*Epicometis turanica Reitt.*), гарданкӯтоҳ (*Capnodis tenebricosa Ol.*), канаи

сурхи мевагӣ (*Panonychus ulmi Koch.*), тортанакканаи муқаррарӣ (*Tetranychus urticae Koch.*) ва канаи анор (*Tenuipalpus punicae Prit. et Bak.*) мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Яке аз дастовардҳои муҳимми илмии таҳқиқот бори аввал муайян намудани таркиби намудии энтомоакарифагҳо ва нақши баъзе намудҳои онҳо дар танзими табиии шумораи ҳашароту канаҳои зараррасони анор мебошад. Дар баробари ин, муаллиф самаранокии усулҳои гуногуни мубориза, аз ҷумла усулҳои биологӣ, кимиёвӣ, агротехникӣ ва механикиро бар зидди зараррасонҳои анор таҳқиқ намуда, оид ба истифодаи онҳо тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст. Инчунин, самаранокии инсектисидҳо ва акарисидҳои нав дар маҳдуд намудани шумораи зараррасонҳо арзёбӣ намуда аст.

Диссертатсия дар асоси ҷамъоварии маводи зиёди илмӣ, ки бо истифода аз усулҳои стандартӣ иҷро гардидаанд, таҳия карда шудааст. Ҳар як натиҷаи ба дастомада дар ҷадвалҳо ва диаграммаҳо инъикос ёфта, ба таври оморӣ коркард карда шудаанд. Хулосаҳо дар асоси натиҷаҳои саҳеҳи омории илмӣ таҳия гардида, муҳтавои асосии автореферatro инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои бадастомада дар 30 мақолаю фишурдаҳо дарҷ карда шуда, 6 кори чопӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд.

Муаллиф муқаррар намудааст, ки мевахӯраки анор (*Euzophora punicaella* Morr.), ширинчаи анор (*Aphis punicae* Pass.), зараррасонии кирмаки Комсток (*Pseudococcus comstocki* Kuw.), сафедболакҳои тамоку ё пахта (*Bemisia tabaci* Genn.), гамбӯсаки зарарнок (*Polyphylla adspersa* Motsch.), гамбӯсаки тӯронӣ (*Epicometis turanica* Reitt.), гамбӯсаки гарданкӯтоҳ (*Capnodis tenebricosa* Ol.), канаи сурхи мевагӣ (*Panonychus ulmi* Koch.), тортанакканаи муқаррарӣ (*Tetranychus urticae* Koch.), канаи анор (*Tenuipalpus punicae* Prit. et Bak.) ва сафедболаки тамоку ё пахта (*Bemisia tabaci* Genn.) ба растании анор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ зарар мерасонанд.

Автореферат дар самти ташкилу гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи растаниҳои анор аҳамияти муҳими амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки рисолаи О.М. Давлатзода дар худ таҳқиқоти анҷомёфтаеро ифода мекунад, ки вазифаҳои гузошташуда илман ҳал гардида, дорои аҳамияти муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва хочагидорӣ мебошад. Нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшудаи рисола асоснок буда, бо маводи зиёди озмоишӣ тасдиқ гардидаанд.

Аз рӯйи муҳимияти мавзӯъ, мақсад вазифа, таркиб, ҳаҷм, таҳқиқоти гузаронидашуда, навгониҳои илмии ба даст омада, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии онҳо хулоса намудан мумкин аст, ки рисолаи илмии О.М. Давлатзода ба талаботҳои барои таҳияи кори диссертатсионӣ пешнибинишуда мувофиқат мекунад ва худи муаллиф барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисосӣ 1.5.21. Зоология, сазовор мебошад.

Рисола тибқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ, ки аз ҷониби КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ҷавобгу буда, муаллифи он барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология арзанда аст.

Номзади илмҳои биология, муовини
директор оид ба илм ва таълми
Маркази илмии Хатлонӣ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қадамов А.С.
13.11.2026

Имзои Қадамов А.С.-ро тасдиқ менамоям.
Инспектори калон оид ба кадрҳои
Маркази илмии Хатлони АМИТ Сатторова Л.Х.